# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

Мавзуи диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми физиология ва биохимияи растаниҳо омӯзиши таъсири пайвастагиҳои нави дорои хусусияти афзоиштанзимкунанда ба равандҳои сабзиш, рушд, мубодилаи моддаҳо, ташаккули нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва ҳосилнокии лӯбиё равона гардидааст. Муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат мекунад, зеро дар онҳо масъалаҳои таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба тухмӣ, майса, раванди азхудкунии об, нишондиҳандаҳои биохимиявӣ, пигментҳои фотосинтетикӣ, ҳосилнокӣ ва устувории растанӣ ба бемориҳои занбӯруғӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф барои расидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зеринро ба риштаи таҳқиқ кашидааст: муайян намудани хусусияти афзоиштанзимкунандагии ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё; омӯзиши хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии тухмии лӯбиё ва моделсозии динамикаи азхудкунии об ҳангоми коркард бо ҳосилаҳои глитсерол; арзёбии самаранокии истифодаи ҳосилаҳои глитсерол барои беҳтар намудани рушд, ҳосилнокӣ ва мубориза бо бемориҳои занбӯруғӣ, аз ҷумла антракноз, дар лӯбиё.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси мазкурро инъикос намуда, ба талаботи дар шиносномаи ихтисос муқаррааргардида ҷавобгӯ мебошад.

Муҳтавои диссертатсия ба талаботи бандҳои 4, 5 ва 12-и шиносномаи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, №114 «Мутобиқшавии физиологию биохимиявӣ ва механизмҳои танзими устуворнокии организмҳои зинда ба таъсири стресс» ва ба самтҳои афзалиятноки рушди кишвар дар чаҳорчӯбаи «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия то соли 2030» ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб ба таври кофӣ ва мукаммал инъикос ёфтааст. Дар асоси таҳқиқоти физиологӣ ва биохимиявӣ як қатор масъалаҳои муҳимми илмӣ, ки дар физиология ва биохимияи растаниҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳалли худро ёфтаанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии бадастомада нишон медиҳанд, ки самаранокӣ ва хусусияти танзимкунандагии пайвастагиҳои омӯхташаванда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз сохтори химиявӣ ва гурӯҳҳои функсионалии онҳо вобаста мебошад. Муайян карда шудааст, ки таъсири танзимкунандагии моддаҳои омӯхташуда ба фурӯбарии об ва энергияи сабзиши тухмии лӯбиё, асосан, дар 12 соати аввали таъсиррасонии онҳо зоҳир мегардад. Маълум карда шудааст, ки танзимкунандагони рушди растанӣ вобаста ба мавҷудияти гурӯҳҳои гуногуни фаъолияткунанда ва таркиби химиявии худ метавонанд ба миқдори пигментҳои

пластидӣ дар зинаҳои аввали пайдоиш ва рушди майсаҳои лӯбиё таъсири назаррас расонанд. Нишон дода шудааст, ки гурӯҳҳои функсионалии афзоиштанзимкунандагон ба равандҳои физиологию биохимиявие, ки дар заминаи рушду нумуи майсаҳо қарор доранд, таъсир мерасонанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 маводи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мавод дар маҷмӯаи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд. Инчунин, вобаста ба мавзуи илмӣ 1 нахустпатент гирифта шудааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми зарурӣ ба нашр расида, талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия иҷро гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосири химиявӣ, биологӣ, физиологӣ ва биохимиявии таҳқиқот, инчунин бо коркарди омории натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шудааст. Таҳқиқоти физиологию биохимиявӣ бо такя ба маълумоти таҷрибавии фаровон ва коркарди омории онҳо бо истифода аз барномаи стандартии компютерии MS Excel амалӣ гардидааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои муосири химиявӣ ва биохимиявӣ иҷро шуда, хулосаҳои илмии муаллиф бо натиҷаҳои таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

Комиссияи экспертӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, метавонад ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баррасӣ ва ҳимоя қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Эргашев Абдуллоҷон - профессори кафедраи физиологияи растании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Диловарова Нигина - номзади илмҳои биологӣ, корманди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев тавсия дода шавад.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар 100 адад ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад. Ҳамзамон, паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шаванд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевнаро дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

Диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Эргашев Абдуллоҷон - профессори кафедраи физиологияи растании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Диловарова Нигина - номзади илмҳои биологӣ, корманди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев тавсия дода шавад.

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар 100 адад ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Бобизода Ғ.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Алиев Қ.А.

номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамробоева З.

Имзоҳои Бобизода Ғ.М., Алиев Қ.А. ва Ҳамробоева З.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

10.06.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10. Факс: (+992-37) 227-15-10; E-mail: info@tnu.tj